# ХУЛОСАИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин хатмкунандаи зинаи бакалавриати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм кардааст. Пас аз хатми бакалавриат дар соли 2015 ба магистратураи донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро дар соли 2019 бо ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ *дар иқтисодиёт хатм кардааст. Аз соли 2021 то соли 2024* дар докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи миллии тоҷикистон бо ихтисоси ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) таҳсил намудааст. Дар давраи таҳсил дар докторантура дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Шуруъ аз соли 2021 Сайфиддинзода С.С. ба таҳқиқи масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ машғул шуда, то имрӯз якчанд мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст. Дар ҷараёни таълим дар докторантура давра ба давра нақшаи таълимиро иҷро намуда, санҷишу имтиҳонҳои даврӣ ва ҷамъбастиро бо муваффақият супоридааст.

Сайфиддинзода С.С. мавзуи рисолаи илмии худро мустақилона интихоб намуда, муҳимӣ ва мубрамияти онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳаққиқон-олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ, маводи амалӣ ва омориро васеъ истифода бурдааст.

То имрӯз рисолаи илмии Сайфиддинзода С.С. ба дараҷаи ниҳоӣ расида, ҳамчун кори илмии анҷомшуда ба ҳисоб меравад. Матни диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар боби якум моҳияти иқтисодии мафҳуми «воситаҳои асосӣ» ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ аниқ карда шуда, усулҳо ва методологияи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шудаанд, хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд.

Дар боби дуюм вазъи имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имконияти рушди минбаъдаи он муайян карда шудааст, мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ ошкор ва арзёбӣ карда шудаанд. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар боби сеюм масъалаҳои такмили сиёсати истеҳлок дар корхонаҳо ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ баррасӣ гардида, роҳҳои такмили раванди ташаккули иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд.

Бо навиштани рисолаи илмӣ ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявию методии рушди баҳисобгирии идоракуниро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд, ки ин аз расидан ба мақсади гузошташуда ва иҷрои пурраи вазифаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон фароҳам овард, ки хулосаҳои таҳиянамудаи худро асоснок карда, пешниҳодҳои худро вобаста ба такмил ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба таври мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодаи Сайфиддинзода С.С. таҳқиқоти мустақилона иҷрошуда, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Доштани малакаҳои таҳлили иқтисодӣ ба муҳаққиқ имконият дод, ки таҳқиқоти илмии худро дар сатҳи баланди назариявию амалӣ ба анҷом расонад.

Санҷиши амалии натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳаммияти амалӣ ва имконияти истифода шудани натиҷаҳо аз ҷониби корхонаҳо дар низомҳои баҳисобгирии муҳосиб, ки бо маълумотномаҳои дахлдор тасдиқ шудааст, гувоҳӣ медиҳад.

Дар рафти иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳатҳои дар боло қайдкардашуда асос шуда метавонанд, ки Сайфиддинзода С.С. вазифаҳои таҳқиқоти худро бомуваффақият иҷро карда, ба мақсади гузошташуда ноил гардидааст.

Диссертатсияи Сайфиддинзода С.С. кори илмии мантиқан ба анҷомрасида, мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ, ҷамъбасти илман асосноккардашуда буда, тавсияҳои амалии дар он пешниҳодшуда ба такмил ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ равона гардидаанд.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) нисбат ба диссертатсияҳо барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., профессор** — **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои профессор **Хушвахтзода Қ.Х.**– ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ — Акрамзода Т.С.
«05» сентябри 2024 с